**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 – и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Додозода Абдуманон Махсуд дар мавзуи: «Масъалаҳои гуноҳ дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба тахассуси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

Дар адабиёти муосири ҳуқуқӣ то ҳол таҳлилҳои назариявии комил ва консептуалӣ дар мавриди гуноҳ ҳамчун шарти ҷавобгарии маданӣ вуҷуд надоранд. Дар асоси ин, ҳам дар назария ва ҳам дар амалия вазифаҳои муҳим гузошта шудаанд, ки ҳалли босифати масъалаҳои марбут ба гуноҳ дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавиро таъмин мекунанд. Ҳамаи гуфтаҳои боло зарурати ин таҳқиқот ва аҳаммияти мубрами онро равшан мекунанд.

Ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиши ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои ҳуқуқии масъалаҳои назариявӣ ва амалии гуноҳ дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ, таҳияи самтҳо ва усулҳои нави омӯзиши он дар доираи мавзуи мазкур мебошад.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки як қатор мафҳумҳои назариявии дар диссертатсия таҳияшуда, таснифоти пешниҳодгардида ва дигар муқаррароти назариявӣ метавонанд назарияи ҳуқуқи маданиро оид ба масъалаҳои гуноҳ дар ҳуқуқи маданӣ дар умум ва махсусан гуноҳ дар муносибатҳои шартномавӣ ба таври назаррас ғанӣ гардонанд. Хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳо дар ҷараёни ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории амалкунандаи мадании ба инобат гирифта, онҳоро дар таҳқиқи минбаъдаи муқаррароти назариявӣ оид ба моҳияти гуноҳ дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ низ истифода бурдан мумкин аст.

Дар натиҷаи омӯзиш ва арзёбии афкори олимон ва асноди ҳуқуқӣ муаллиф қайд мекунад, ки таҳти мафҳуми гуноҳ муносибати руҳӣ ва иродавии субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ ба моҳияти ҳаракати (беҳаракатии) зиддиҳуқуқии онҳо, алоқаи сабабӣ ва оқибати фаро расидани натиҷаи кирдори содиршуда фаҳмида мешавад.

Аз мафҳуми пешниҳодгардида маълум мегардад, ки гуноҳ ҳамавакт бо шахс (шахси ҳуқуқӣ ва шахси воқеӣ) алоқаманд мебошад. Яъне, истиллои гуноҳ худ аз худ вуҷуд дошта наметавонад ва ҳамавақт гуноҳ дорои содиркунандаи он мебошад (саҳ.18).

Ба андешаи муаллиф ҳодисаи субъективӣ ҳамчун сарҳади гуноҳ аз як тараф бояд аз қувваи рафънопазир (ҳодисаи объективӣ) сарҳади ҳодисаи субъективии тарафи муқобил ҷудо карда шавад. Дар сурати мавҷуд набудани ҳодисаи субъективӣ дар бораи бегуноҳии вайронкунанда қувваи рафънопазир (ҳодисаи объективӣ) бевосита шаҳодат медиҳад.

Диссертант муайян намудааст, ки ҳодиса дар ҳуқуқи маданӣ ҳудуди муайян намудани гуноҳ ва бегуноҳии шахс дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ баромад карда, асосан бо беэҳтиётии содда ҳамсарҳад мебошад.

Зимни таҳияи диссертатсия муаллиф таҷрибаи судиро таҳлил намуда, ба хулоса омадааст, ки нақши суд дар муайян намудани ҳудуди гуноҳ дар вайрон кардани уҳдадориҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи маданӣ ҳалкунанда мебошад. Зеро маҳз суд бо назардошти ҳолатҳои парванда ва рафтори ҳам қарздор ва ҳам кредитор; ки дар маҷмуъ барои иҷро накардан ва ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ оварда расонидааст, ба назар гирифта, масъалаи ҷавобгарии маданиро ҳал мекунад. Аз ҷониби суд пурра баҳо додан ба ҳолатҳои парванда ва рафтори субъектони муносибатҳои маданӣ омили асосии муайян намудани ҷавобгарӣ дар ҳуқуқи маданӣ мебошад (саҳ.22).

Муаллиф муайян намудааст, ки тибқи шартномаи маданӣ–ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ (қарздори асосӣ) дар асоси музднокӣ ва ё бемузд шахси дигарро, ки бо ӯ дар муносибатҳои меҳнатӣ қарор надорад, ба иҷрои уҳдадориҳояш ҷалб мекунад. Дар ин сурат чунин меҳисобад, ки масъулият бояд пурра ба зиммаи шахси ҳуқуқӣ вогузор карда шавад. Аз ин рӯ, ба андешаи муаллиф мувофиқи мақсад мебошад, ки ҳолати мазкур дар қонунгузорӣ пешбинӣ карда шуда, дар қонунгузории амалкунанда тағйирот ворид карда шавад. Ба хусус муаллиф пешниҳод кардааст, ки дар ҷумлаи якуми м.463 КМ ҶТ пас аз калимаҳои «кормандони қарздор» аломат ва калимаҳои «, инчунин шахсони дигаре, ки қарздор тибқи аҳдҳои маданӣ–ҳуқуқӣ дар иҷрои уҳдадориҳо ҷалб намудааст» ворид карда шавад.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбат, чунин эродро пешниҳод кардан мумкин аст: Дар матни автореферати диссертатсия унвонҷӯ пешниҳод менамояд, ки ҷумлаи якуми қисми якуми моддаи 465 Кодекси мадании ҶТ дар таҳрири зерин ифода карда шавад: «Агар иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ бо гуноҳи ҳар ду тараф сурат гирифта бошад, суд

мувофиқи гуноҳи кредитор андозаи ҷавобгарии қарздорро кам мекунад» (саҳ26). Ба андешаи мо пешниҳоди мазкур баҳснок буда, асосноккунии иловагиро талаб менамояд.

Аммо эроди мазкур ба ҷанбаҳои мусбии автореферати диссертатсия таъсир намерасонад ва хусусияти мубоҳисавӣ дорад.

Дар маҷмуъ, бояд гуфт, ки автореферати диссертатсияи номзадии Додозода Абдуманон Махсуд мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, дар он масъалаҳои бамиёнгузошта аз лиҳози илмӣ пайдарпай ва асоснок матраҳ гардида, аз руйи диди тоза ва мантиқ таҳлил гардида, сазовори баҳои мусбат аст.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тадти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгу буда, муаллифи он Додозода Абдуманон Махсуд сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

Раиси Комиссияи марказии интихобот
ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Худоёрзода Б.Т.

«Имзои Худоёрзода Б.Т.-ро тасдиқ мекунам»:
Мудири бахши умумӣ, кадр ва корҳои
махсуси Комиссияи марказии интихобот
ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Нормухамедов А.У.__________
“08” январи соли 2025

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ-42